# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба кори диссертатсионии Казокзода Умеда Ҳурматулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт 6D050612 - Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ).

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои асосии иқтисоди миллии кишвар ба ҳисоб рафта, дар таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ ва саноат бо ашёи хоми кишоварзӣ хизмат менамояд. Дар таъмини рушди устувори соҳаи мазкур ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» ва беҳдошти муҳити зист нақши калон дошта, он дар заминаи муносибатҳои нави ташкилӣ-хоҷагидорӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва сатҳи некуаҳволии мардуми деҳот мусоидат менамояд. Вобаста ба ин, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла заминҳои кишти кишоварзӣ ва афзоиши истеҳсоли ҳаҷми зиёди маҳсулотҳои озуқаворӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ба рушди минтақаҳои кишвар хеле муҳим мебошад. Аз ин лиҳоз, мавзуи рисолаи диссертатсионии Казокзода Умеда Ҳурматулло ба ақидаи мо, мавзуи мубрам мебошад. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин нақши он тибқи талабаотҳои амалкунанда дуруст муайян гардида имкон медиҳад, ки мавзуи интихобшуда ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор гирад.

Таҳқиқот оид ба омӯзиши пурраи мавзуи диссертатсияи Казокзода У.Ҳ., соли 2022 дар кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз гардидааст.

Казокзода Умеда Ҳурматулло соли 2015 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро аз руйи ихтисоси кори бонкӣ бо дипломи (дараҷаи бакалавр) таҳсил намуда, соли 2020 хатм намудааст. Соли 2020 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шуъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси - танзими давлатии иктисоди миллӣ дар тобеияти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатари иқтисодӣ таҳсил намуда, донишгоҳи мазкурро соли 2022 хатм кардааст. Баъд аз хатми магистратура аз 1.10.2022 таҳти № 375-05 ба докторант (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт ба кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил оғоз намуда, онро соли 2025 (фармоиши ректори Донишгоҳ аз 25.08.2025с таҳти №253-05) хатм кардааст.

Казокзода Умеда Ҳурматулло фаъолияти кориашро солҳои 2020 то 2024 дар факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси коргузор оғоз намудаст.

Номбурда аз соли 2025 то инҷониб дар филиали №14-и Корхонаи воҳиди давлатии Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” дар шаҳри Ваҳдат ба ҳайси иқтисодчии дараҷаи 2 оид ба қарз фаъолият намуда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди навиштани кор муаллиф аз манбаҳои васеъи илмӣ ва оморӣ доир ба мавзуъ истифода бурдааст, ки ин аз иқтибосҳои дар кор овардашуда тасдиқ мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар нуқтаҳои зерин мушоҳида карда мумкин аст.

1. Омӯзиши заминаҳои назариявии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз»» дар соҳаи кишоварзӣ дар асоси принсипи рушди устувори иқтисодиёти кишвар таҳқиқ гардидаст, ки ба истифодаи самараноки захираҳои замин ва об ва муҳофизати экосистемаҳои табиӣ, истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулотҳои озуқаворӣ ва вазъи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд;

2. Дар доираи имконот омӯзиши хусусиятҳо ва принсипҳои хоси рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ таҳқиқ гардидааст, ки он ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, аз ҷумла заминҳои кишти кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои аз нигоҳи экологӣ тоза ва беҳдошти муҳити зист дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ асоснок карда шудааст;

3. Дар рисолаи диссертатсионӣ самтҳои асосии дастгирии давлатии рушди «иқтисоди «сабз» бо назардошти хусусиятҳои хосси соҳаи кишоварзӣ, ки ба ҳавасмандиҳои молиявии истифодаи самараноки захираҳои замину об ва ҳифзи муҳити зисти аҳолӣ, имконияти минбаъдаи рушди сайёҳии экологӣ ва дар заминаи он ташкили ҷойҳои нави кори «сабз» аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди минтақаҳои кишвар пешниҳод шудаанд.

4. Докторант дар рисолаи худ коркарди модели рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар заминаи гузариш ба иқтисоди «сабз», ки ба истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулоти озуқаворӣ ва аз лиҳози экологӣ тоза, рушди соҳибкории хурду миёна дар деҳот, коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ ва таъмини рушди устувори минтақаҳои кишвар мусоидат менамояд, мавриди таҳқиқот қарор додааст.

Ақидаҳои дар боло зикргардида навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи рисолаи мазкур нишон медиҳад. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок гардида, бо далелҳои аниқи назариявӣ-услубӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳҳои гуногун инъикоси худро ёфтаанд.

Лозим ба қайд аст, ки докторант ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии худ, дараҷаи баланди мустақилият ва кордониро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои таҳқиқотчиёни соҳаи мазкур, ки ба ҷанбаҳои назариявӣ-услубии таҳқиқи мавзуи мазкур диққати махсус дода, дар конфронсҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона бо маърӯзаю фишурдаҳои худ иштирок ва баромад намудааст.

Сатҳи дониш ва усулбҳои омӯзиши Казокзода Умеда Ҳурматулло ба Стандартҳои таҳсилоти олӣ мувофиқат намуда, ҳангоми кор бо диссертатсия докторант худро ҳамчун таҳқиқотчии илмӣ, сари вақт аз иҷрои супоришҳои дода шуда, баромада ҳамчун масъулиятшинос нишон дода тавонистааст. Хислати серталабӣ ва ташкилотчигӣ ба ӯ имконият дод, то натиҷаҳои бадастомадаро ҳаматарафа таҳлилу таҳқиқ намуда, усулбҳои зарурии таҳқиқотро мустақилона муайян ва асоснок менамояд. Умуман Ӯ дар таҳқиқоти худ натиҷаҳои илмии бадастовардаашро ҳамаҷониба таҳлил намуда, шарҳ додааст.

Рисолаи диссертатсионии анҷомдодаи Казокзода У.Ҳ. дорои сохтор ва мантиқи хос буда, аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи рисолаи илмӣ ҷанбаҳои назариявии асосноккунии назариявӣ ва амалӣ, мубрамияти мавзуи таҳқиқот бо таҳлилу баррасиҳои мукаммал асоснок карда шуда, саҳеҳӣ ва андозаи баррасии объекту мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф дар вазифаҳои таҳқиқот, обеъкт ва мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва муқарраротy хулосаву пешниҳодҳои амиқ санҷидашуд баён гардидаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия – "Таҳқиқи консепсияи ташаккули иқтисоди «сабз» ва рушди устувор"**, ҷанбаҳои назариявии ташаккули иқтисоди «сабз» дар шароити рушди устувори кишвар, принсипҳо ва хусусиятҳои хоси ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» ва таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» - ҳамчун самти муҳими рушди устувори соҳаи кишоварзӣ таҳқиқ намуда ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия - «Рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ: вазъи кунунӣ ва тамоюли истифодаи захираҳои табиӣ",** таҳлили вазъи истифодаи захираҳои табиӣ ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ ва ченакҳо (индикаторҳои) асосии баҳои иқтисоди «сабз» дар кишоварзии Тоҷикистон баррасӣ гардида, вобаста ба таҳлили нишондиҳандаҳои соҳавӣ ба натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шудааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия - «Самтҳои асосии рушди иқтисоди «сабз»**

**дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** танзими давлатии ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ҳамчун самти муҳими рушди иқтисоди сабз дар шароити инкишофи иқтисодиёти кишоварзӣ ва самту роҳҳои асосии рушди иқтисодиёти «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти роҳандозӣ доранд, ошкор гардидаанд.

**Дар хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия бошад,** андешаҳои илман асоснокардашуда ва тавсияҳои амалии муаллиф ҷиҳати ташаккул ва рушди иқтисоди "сабз" ҳамчун унсури муҳими рушди устувори соҳаи кишоварзӣ инъикос гардидаанд.

Зикр бояд кард, ки дар вобастагӣ ба масъалаи ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» ва истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои замину об ва истифодаи самараноки онҳо дар минтақаҳои кишвар аз ҷониби муаллиф дар ҳар як зербоби кори илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои мушаххас гирд оварда шудааст. Вазифаҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро таҳқиқи назарияҳо, услубҳо, омилҳо ва таҷрибаи як қатор кишварҳои хориҷӣ оид ба ташаккули ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Аз ин нуқтаи назар, таҳлил ва ҳавасмандии молиявии истифодаи самараноки заминҳои кишти кишоварзӣ таҳқиқоти иловагӣ бурда шудаанд.

Диссертатсияи Казокзода Умеда Ҳурматулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ ва амалӣ иншо гардида, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф оид ба ҳолати муосир ва танзими минбаъдаи рушди соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон илман асоснок гардидаанд.

Дар маҷмуъ, ҷиҳатҳои мусбии рисолаи диссертасионии Казокзода Умеда Ҳурматулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз» дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», имконият медиҳанд, ки онро ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт 6D050612 - Иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ пешниҳод намоем.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ
ва бехатарии иқтисодии ДМТ — Тағоев Б.Д.

Имзои н.и.и., дотсент Б.Д. Тағоев -ро
тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

«16» 02 с.2026